3. Развитие аграрного предпринимательства тесно связано с реформированием производственных отношений в сельскохозяйственном производстве. В годы перехода к рыночным отношениям в сфере сельского хозяйства республики все коллективные хозяйства (колхозы и совхозы, межхозяйственные структуры) были преобразованы в рыночные структуры нового типа. В результате реформирования аграрного сектора экономики сегодня в нем сформированы и эффективно функционируют новые организационно- правовые структуры (дехканские (фермерские) хозяйства, сельскохозяйственные предприятия), характеризующие современный социально-экономический уклад в сельском хозяйстве и экономическую структуру аграрного сектора экономики республики, обеспечивающего рост производства сельскохозяйственной продукции. По видам собственности и характеру ее использования к формам предпринимательства в сельской местности можно отнести частные, коллективные, корпоративные, государственные и контрактные структуры. Большой шаг сделан в части развития личных подсобных хозяйств, которые наряду с предпринимательскими структурами (дехканскими хозяйствами и сельхозпредприятиями) играют важную роль в обеспечении населения продуктами питания как через розничную продажу, так и за счет натурального потребления, а также и в увеличении объемов импорта продовольственных товаров. [4-А; 7-А; 16-А].

4. Развитие аграрного предпринимательства в сельской местности зависит от многих факторов: природно-климатических, инвестиционных, инфраструктурных, инновационных, организационных и т.д. соответственно, оно других видов предпринимательства нуждается в государственном регулировании и поддержке. От этого в наибольшей степени зависят результаты эффективного функционирования сельскохозяйственных субъектов. Современный этап развития малого и среднего предпринимательства сложен и противоречив ввиду несовершенства государственного регулирования предпринимательской деятельности, государственной поддержки, налогового бремени, труднодоступности банковских кредитов для производственных предпринимателей, дефицита местных бюджетов. Остаются недоступными для предпринимателей общеэкономический и специальный консалтинг; имеет место неудовлетворительный спрос на продукцию малого и среднего предпринимательства, негативно на его развитии сказываются наличие административных барьеров и отсутствие эффективной производственной инфраструктуры для малого и среднего бизнеса на селе. Государственная программа не учитывает такие факторы, как: дисбаланс регионального развития; отраслевые приоритеты; мотивация предпринимательской структуры на участие в программах государственной поддержки. Все изложенное обусловливает необходимость создания целостного механизма государственной поддержки (регулирования) развития предпринимательства в сельской отрасли экономики. Поэтому на современном этапе в целях

обеспечения развития производственного предпринимательства в сельской местности необходимо разработать систему государственной поддержки, обеспечивающей прежде всего не только развитие рыночного механизма, но и государственное их регулирование в различных отраслях АПК. Сегодня разработка механизма господдержки аграрного предпринимательства на основе программно-целевого метода, т.е. дифференцированного подхода с учетом институциональной среды предпринимательства, статуса его субъектов, уровня развития малых и средних предприятий выдвигается на первый план. Также важно разработать комплекс оценочных критериев, отражающих различные аспекты деятельности хозяйствующих структур и их влияние на устойчивое развитие субъекта предпринимательства [3-А; 16-А; 12-А].

5. В условиях рынка как низкорентабельные, так и экономически крепкие предприниматели, чтобы выжить, должны вступить в конкурентную борьбу с другими производителями сельскохозяйственной продукции и постоянно повышать эффективность производства. Для этого необходимо восстановить кооперативную сущность новых форм хозяйствования, преодолеть отчуждение собственности и результатов труда путем реформирования внутрихозяйственных производственно-экономических отношений, позволяющих заинтересовывать работников в сохранности, приумножении и рациональном использовании средств производства (включая землю), в применении наиболее эффективных форм организации труда и управления. В результате повышается рентабельность производства, увеличивается чистый доход (прибыль) - единственный источник доходов предпринимателя в условиях рыночных отношений [3-А; 8-А]. Без крупных вложений в социальную и производственную инфраструктуру села, без создания надежной высокопроизводительной техники и повышения интенсификации труда, без мощной перерабатывающей промышленности, без серьезных научных исследований по этим проблемам резкое повышение производительности труда и эффективности агропромышленного комплекса невозможно. Нужны структурная перестройка отраслей народного хозяйства, перераспределение вложений в пользу производства продовольствия и товаров народного потребления [7-А; 19-А].

6. В диссертационной работе рассматриваются основные факторы, влияющие на развитие аграрного предпринимательства. Установлена регрессионно -корреляционная связь общего объема продукции сельского хозяйства с такими факторами, как общая площадь орошаемых земель, средний размер хозяйств, рост цен на сельскохозяйственную продукцию и объем внесения минеральных удобрений на 1 га. Проведенный расчет показал, что на период до 2030 г. валовой объем производимой сельскохозяйственной продукции будет расти высокими темпами. Отмечается, что природно-климатические условия республики существенным образом влияют на состояние и развитие аграрного предпринимательства. В работе рассматривается ряд условий, создание

которых необходимо для получения нескольких урожаев в год, повышения урожайности культур и качества сельхозпродукции. Анализ тенденций аграрного предпринимательства показывает, что в условиях рыночной экономики предприниматели в сфере сельского хозяйства, в том числе частные, занимают лидирующие позиции в экономике страны. В республике высокими темпами растет производство овощей, фруктов, ягод, бахчевых, винограда, зерна и других сельскохозяйственных товаров, и это существенно укрепляет экпортный потенциал страны [1-А; 5-А; 11-А].

**Б) Рекомендации по практическому использованию результатов**

1. На современном этапе экономики республики в целях обеспечения развития производственного предпринимательства в сельской местности необходимо разработать систему государственной поддержки, обеспечивающей прежде всего не только развитие рыночного механизма, но и государственного регулирования предпринимательства в различных отраслях АПК. Разработка механизма господдержки аграрного предпринимательства на основе программно-целевого метода, т.е. дифференцированного подхода с учетом институциональной среды предпринимательства, статуса его субъектов, учета уровня развития малых и средних предприятий выдвигается на первый план. Также важно разработать комплекс оценочных критериев, отражающих различные аспекты деятельности хозяйствующих структур и их влияние на устойчивое развитие субъекта предпринимательства [3-А; 16-А; 12-А].

2. По нашим расчетам, для полного удовлетворения потребностей страны объем сельскохозяйственной продукции следует увеличить в 1,5-1,7 раза. Вместе с тем демографическая ситуация, выражающаяся в резком повышении темпов прироста численности трудоспособного населения в связи с ростом рождаемости, требует более интенсивного, чем раньше, высвобождения рабочей силы из сельского хозяйства и перехода ее в другие отрасли производства и непроизводственной сферы. В течение ближайших лет желательно было бы сократить численность занятых в сельском хозяйстве не менее чем вдвое. Для этого производительность труда в сельском хозяйстве необходимо увеличить в 3-4 раза, доведя темпы ее роста до 7-9% в год. Добиться этого нелегко. Но решение данной задачи служит своеобразным ключом ко многим важнейшим проблемам перспективного развития страны: росту материального благосостояния народа, развитию сферы обслуживания населении, совершенствованию отраслевой структуры материального производства, улучшению внешнеторгового баланса, укреплению обороноспособности страны. Учитывая огромное значение подъема сельского хозяйства для развития всего общества, а также его зависимость от усилий работников сельского хозяйства, правительство республики этому процессу уделяет особое внимание [2-А; 5-А; 10-А].

3. Социологические исследования, обобщение опыта новых форм хозяйствования в трудовых коллективах села убеждают в том, что возникает

необходимость дальнейшего усиления дифференцированного подхода предпринимательской работе. Дело в том, что возрастные и профессиональные группы различаются познавательными возможностями, которые обусловлены уровнем образования, видами деятельности, социальным опытом. Предприниматели старших возрастных групп, имеющие в большинстве своем плановое образование, нуждаются в постоянном информировании о происходящих рыночных событиях, в раскрытии их логики, взаимосвязи, ибо они больше ориентированы на получение фактологического материала и нуждаются в теоретическом освещении динамики рыночной жизни. Механизаторы всех возрастных групп в период весенне-летних полевых работ не имеют возможности регулярно пользоваться всеми средствами информации и пропаганды, поэтому они испытывают потребность в лекциях и беседах о рыночных форм хозяйствования [8-А; 16-А].

4. Вместо осуществляемых сегодня и не признанных большинством народа мероприятий, необходимо перейти к непосредственному управлению производственными процессами с тем, чтобы обеспечить их переход на более высокий качественный уровень и вместе с тем повысить способность управляемых производственных организмов к актуализации имеющегося потенциала. Продуктом труда специалиста должен быть не столько конечный результат, сколько более совершенный производственный процесс, более здоровый производственный организм, способный не только к расту, но и развитию. К сожалению, таких специалистов и руководителей у нас никто не готовит. В лучшем случае наш специалист знает, как должно быть, но не знает, как этого добиться. Дипломные работы выпускников сельскохозяйственных вузов состоят из сопоставления реального и желаемого, которое чаше всего выступает в качестве предложений по совершенствованию производства. Между тем аграрному производству необходимы аналитики, своеобразные производственные доктора. Из этого следует, что нужно совершенствовать систему подготовки специалистов в вузе [7-А; 19-А].

В вузах республики очень мало внимания уделяется подготовке менеджеров. Их начали готовить, но не производственных, а чаще коммерческих. Этот односторонний подход вряд ли будет способствовать улучшению состояния экономики.

5. Исследование показало, что основными направлениями инновационного предпринимательства в сфере сельскохозяйственного производства являются: а) индустриализация производства на базе комплексной механизации, электрификации, химизации и мелиорации; б) внедрение новых высокопродуктивных сортов сельскохозяйственных культур и пород животных; в) специализация, концентрация, кооперирование и агропромышленная интеграция в сочетании с совершенствованием технологии, организации, управления и структуры производства; г) улучшение качества продукции и повышение эффективности

сельскохозяйственного производства; д) повышение квалификации и культурно-технического уровня сельскохозяйственных предпринимателей; е) улучшение условий и культуры труда тружеников и т. п.

На современном этапе развития аграрного предпринимательства следует предъявлять высокие требования к эффективной организации и управлению сельскохозяйственным производством, всестороннему развитию научно-технического прогресса, совершенствованию межотраслевой и внутриотраслевой пропорций, совершенствованию форм материального стимулирования и т. д. Эти мероприятия окажут позитивное влияние на рост фондоотдачи, производительности труда и повышение эффективности производственного предпринимательства в целом.

6. В целях обеспечения ускоренных темпов развитии аграрного предпринимательства следует широко использовать возможности государственно-частного партнерства. ГЧП относится к числу важнейших инструментов и мер государственной поддержки аграрного предпринимательства. Инвестиции частного сектора в инфраструктуру сельскохозяйственного производства, хранение и логистику продукции; усиление сотрудничества с донорскими организациями; налаживание устойчивой и действенной системы консультационных услуг для дехканских и сельхозпредприятий и т. д., значительно улучшат положение не только в сельском хозяйстве, но и во всей экономике Таджикистана.

## СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ РАБОТ (на языке оригинала)

### А) Публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

[1-А]. Шакли кластерии ташкилии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини амнияти озуқаворӣ / М. М. Бойназарова., Ҷ. С. Пиризода // Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон ва Ҷаҳони имрӯз. Душанбе-2022. 1(40) – С. 55 – 66.

[2-А]. Дехканское (фермерское) хозяйство из форм сельского предпринимательства / М.М. Бойназарова // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2020. №1– С. 100-110.

[3-А]. Совершенствование организационно - экономических форм предприятий аграрного сектора с учетом индустриального развития / М.М. Бойназаровой // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2019. №1- С. 105-112

[4-А]. Кооперация малых форм хозяйств в сельских территориях / М.М. Бойназаровой // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2018. № 2/9 – С. 59-64.

[5-А]. Аграрные преобразования - основа развития сельского предпринимательства / М.М. Бойназарова // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе - 2018. №1 - С. 59-64.

**Б) Публикации в материалах международных конференций и других научных изданиях:**

[6-А]. Землепользование - как фактор развития производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Роҳҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ» / Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2022. – С. 46-51.

[7-А]. Формирование рыночных отношений и необходимость государственной поддержки производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Бозоромӯзӣ ҳамчун омили рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ». Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 132-138.

[8-А]. Зарубежный опыт государственной поддержки производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Бозоромӯзӣ ҳамчун омили рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ» / Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 23-29.

[9-А]. Научно-теоретические аспекты функционирования предпринимательства / М.М. Бойназарова // "Рушди устувор - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ" / Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ. Душанбе «Ирфон» 2020. – С. 56-63.

[10-А]. Особенности развития производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // "Рушди устувор - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ" / Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ. Душанбе «Ирфон» 2020. – С. 112-119.

[11-А]. Новое сельское хозяйство – основа формирования частного предпринимателя на селе / М.М. Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе – 2019. №2 (37) – С. 123-128

[12-А]. Место и роль инновационных технологий в развитии предпринимательства / М.М. Бойназарова, Г.К. Азизкулова // Материалы республиканской научно-практической конференции (28. 04. 2018). Технологический университет Таджикистана, – Душанбе, 2018. – С. 28-30.

[13-А]. Государственное регулирования развитием производственного предпринимательства / М.М. Бойназарова., Д.Б. Ходжаева., Н.Х. Ходжаева., С.Р. Саидов // «Арзёбии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои Чумҳурии Тоҷикистон / Маводҳои илмую амалии минтақавӣ (12.01.2018, АИКТ №5». Инистути Иқтисодиёти Кишоварзӣ. Душанбе – 2018. – С. 324-331

[14-А]. Теория формирования мелкотоварного крестьянского хозяйства как форма малого предпринимательства на селе в трудах Чаянова А.В. / М.М. Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе - 2017. №4 (31) – С. 95-101.

[15-А]. Развития малого аграрного предпринимательства – важный фактор обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / М.М.

Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе - 2017. №1 (28) – С. 65-69.

[16-А]. Государственное регулирования в условиях рыночной экономики / М.М. Бойназарова, Б.К. Ҳасанов., А.И. Лашкаров., Ҷиллазода Меҳрангез // Таҳлили ҳолати бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ / Маводҳои мизи мудаввар 12.01.2017с, - №5» АИКТ. Инистути Иқтисодиёти Кишоварзӣ. – С. 289-296.

[17-А]. Критерии определения субъектов малого предпринимательства / М.М. Бойназарова // «Молодых ученых в развитии инновационной Республики» / Материалы республиканский научной - практической конференции (28.29.2017г). Технологический университет Таджикистана, - Душанбе, 2017. – С. 91-97.

[18-А]. Перспективы развития финансового кредитной поддержки сельского предпринимательства в Республики Таджикистан / М.М. Бойназарова, С.Б. Ризоев., М.М. Вадудова // «Роль мелиорации водного хозяйства в инновационные развития АПК» / Материалы международной научно - практической конференции. Москва 2013. – С. 110-118.

[19-А]. Пути повышения и контроль эффективности предпринимательской деятельности / М.М. Бойназарова // Материалы совместной научно-практической конференции института экономики и демографии академии наук республики Таджикистан и Таджикского финансового института. Душанбе: «Ирфон», 2012. – С. 66- 76.

[20-А]. Государственная поддержка инновационной деятельности малого бизнеса в аграрном секторе Таджикистана / М.М. Бойназарова // «Модель подготовки специалистов новой формации, адаптированных к инновационному развитию отраслей» / Материалы 3-ей международной научной- практической конференции. Душанбе: ТУТ, 2012. – С. 127-130.

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

*УКД 338.46* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Бойназарова Моҳира Маҳмараҷабовна**

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР БАХШИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ (АЗ РӮЙИ МАВОДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**Душанбе-2023**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Пиризода Ҷалил Сафар,**<br>доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди хоҷагии қишлоқ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат,**<br>доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия<br><br>**Соҳибназаров Гаюр Холиқназарович,**<br>номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 05 июли соли 2023, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.ddtt.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” ________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯйи таҳқиқот.** Татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили мавҷудаи иҷтимоию иқтисодиро дар он нишон дод. Вазъияти дар натиҷа баамаломада, ба фикри мо, коркарди равиши сифатан нави илмиро ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва танзими он дар хоҷагии қишлоқ тақозо дорад. Дар ин ҷо масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат, ки афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хушсифатро дар назар дорад, ба мадди аввал мебарояд. Дар баробари ин, дар ҳалли мушкилоте, ки дар ин соҳа истодаанд, ҳимоя ва давлатии соҳибкории аграрӣ, ки имрӯз яке аз воситаҳои муайянкунандаи таъмини рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, нақши хоса дорад.

Дар ҷумҳурӣ аз ибтидои дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ба дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ диққати ҷиддӣ дода шуда бошад ҳам, вале барои рушди  он шароити муътадили мусоид то дараҷае фароҳам оварда нашудааст. Зимнан, фаъолияти самараноки сохторҳои соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ омили асосии рушди иқтисодӣ буда, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ вазифаи мубрами иқтисоди Тоҷикистони муосир ба шумор меравад.

Бо дарназардошти иқтидори маҳдуди бозори озуқаворӣ ва қобилият надоштани минтақаҳо барои мустақилона ҳал кардани мушкилоти иҷтимоию экологӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ бояд дар доираи истифодаи усулҳои гуногуни танзими давлатӣ, ки ба таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд, баррасӣ карда шавад. Ин барои бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки соҳибкории истеҳсолӣ амалан ягона манбаи ҳаёт мебошад, махсусан муҳим мебошад, ки ба баланд шудани сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад. Мутаассифона, чӣ дар ҷумҳурӣ ва чӣ дар минтақаҳои алоҳидаи он мақомоти давлатӣ ба инкишофи сохибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд ва дар натиҷа масъала дар ин самт боз ҳам мушкил мегардад.

Аз навиштаҳо боло бармеояд, ки ҳалли масъалаҳои муайяншуда бештар ба дараҷаи танзими давлатии сохибкории истехсолӣ дар бахши кишоварзӣ вобаста аст, ки он бояд амнияти озуқаворию экологии кишварро таъмин намояд. Дар баробари ин, масъалаи аз нав самтгирии соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин рӯ, зарурати таҳия ва асоснок намудани пешниҳодҳо оид ба танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, дастгирӣ ва ҳимояи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин омӯзиши нокифояи масъалаҳои дар боло зикршуда, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд, интихоби мавзӯйи таққиқотро муайян кардааст, ки мубрамии онро мо дар боло асоснок кардем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯйи илмӣ.** Асосҳои назариявию методологии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз тарафи бисёр олимони иқтисодшиноси хориҷӣ ва ватанӣ ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Масалан,

саҳми муносибро дар коркард ва ҳалли ин масъала олимон – классикони илми иқтисодӣ, ба монанди А. Смит, Ж.-Б. Сей, Ҷ.М. Кейнс, Р. Хизрич, М. Петерс, Йозеф Шумпетер, П.В. Друкер, Р. Кантилон, Р. Кембел, К.Р. Макконелл, Л.С. Брю, А. Маршал, Д. Рикардо, Ф. Кене ва дигарон гузоштаанд.

Аз олимони рус дар асарҳои худ масъалаи рушди соҳибкориро А. Абалкин, А.Н. Асаул, И.Н. Буздалов, А.В. Бусигин, А.М. Емелянов, Н.Д. Кондратев, В.И. Кудряшов. В.В. Кузнетсов, В.В. Милосердов, А.А. Никонов. А.В. Петриков, В.Я. Узун, В.Н. Хлистун, А.В. Чаянов мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои марбут бо такмили механизми танзими давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар асарҳои олимони иқтисодшиноси тоҷик - И. Аминов, Х.И. Аминов, Н.И. Амиров, И.А. Асроров, Ш.Ш. Базаров, В.В. Воҳидов, Т.Б. Ғаниев, Х. Ғафуров, К.М. Гулов, Қ.Қ. Давлатзода, Д.Н. Дадоматов, М. Ҷамшедов, Н.Қ. Қаюмов, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Қурбонзода, А.А. Мадаминов, А. Миркамолов, Н.Ф. Нидоев, Д.С. Пиризода, Р.К. Раҷабов, А. Рауфӣ, С.Б. Ризоев, Қ.Қ. Толибов, Ҳ.Н. Фақеров, С. Ҳабибов, К.Б. Шамсиев, Ф.Р. Шаропов, Н.Ш. Валиев ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Саҳми олимони дар боло зикршударо дар коркардаи масъалаҳои соҳибкории истеҳсолӣ баланд арзёбӣ намуда, бояд қайд кард, ки дар бахши кишоварзии иқтисодиёт ин масъала ҳоло ҳам мавриди баҳс қарор дорад. Бисьёр масъалаҳои назариявӣ ва методӣ, ки бо инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ, махсусан бо дарназардошти хусусиятҳои низоми иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ алоқаманданд, ҳанӯз ба таври амиқ ва пурра омӯхта нашудаанд. Масалан, дар бисёр таҳқиқоти иқтисодӣ ба зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои мушаххаси бахши аграрӣ, аҳамияти дар он татбиқ намудани механизмҳои махсуси танзими давлатӣ, махсусан барои соҳибкории истеҳсолӣ диққати кофӣ дода намешавад. Чунон ки аз таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ маълум гардид, имрӯз барои таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот коркардҳои нави илмӣ талаб карда мешавад. Инчунин зарур аст, ки масъалаҳои нақшагирӣ ва маблағгузорӣ, андозбандӣ ва навоварӣ дар соҳаи танзими соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иктисодиёт хеле беҳтар карда шавад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди соҳибкории кишоварзӣ, ки дар асарҳои иқтисодии таҳқиккардаи мо хеле мухтасар зикр шудааст, аҳамияти зиёд дорад. Бинобар ин, ин масъаларо ба таври хеле амиқ баррасӣ намудан зарур аст.

Умуман, низоми дастгирӣ ва ҳимояи соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт на танҳо ба инкишофи минбаъда, балки такмил додан низ ниёз дорад. Ҷиддияти ин мушкилот ва зарурати ҳалли онҳо ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян карда, гузориши вазифаҳоеро, ки бояд ҳаллу фасл шаванд, муқаррар намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯйи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илми иқтисодӣ дар

ҷумҳурӣ, ба ҳалли масъалаҳои таъмини рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор дар бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошта шудаанд, мутобиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ва асосноккунии тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- омӯзиши асосҳои илмию назариявии соҳибкории истеҳсолӣ ва асоснок кардани зарурати дастгирии давлатии он дар бахши аграрии иктисодиёт;
- таҳқиқи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ;
- таҳлили раванди амалӣ намудани ислоҳоти бозорӣ хамчун асоси рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иктисодиёт;
- ошкор намудани омилҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт;
- муқаррар кардани асосҳои консептуалии такмили дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ;
- асоснок намудани тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти фаъолгардони инноватсияҳо ва истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

**Объекти таҳқиқот** – сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ ҳамчун қисми таркибии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ баромад мекунанд, ки дар раванди танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ташаккул меёбанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он асос ёфтааст, ки ҳалли масоили соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бештар аз дараҷаи ҳимоя ва дастгирии давлатии он вобаста аст.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** асарҳои олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла оид ба хусусиятҳои соҳавии он дар бахши аграрии иктисодиёт ташкил медиҳанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, пурсишнома, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумотро** паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати кишвар, маводи расмии Агентии омори

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои ҳудудии он, Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ, ҳисоботи солонаи корхонаҳои хоҷагии қишлок, натиҷаҳои таҳқиқоти муассисаҳои илмӣ, инчунин маълумотҳои таҳқиқоти муаллифӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 иҷро шудааст.

**Саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, коркард ва таҳлили мувофиқи манобеи иттилоотӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ва нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ватанӣ тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияхои муаллиф ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибави асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳияи пешниҳодҳои замонавӣ, яъне ба талаботи муосир ҷавобгӯй оид ба такмили дастгирии давлатӣ ва ҳимояи соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки унсурҳои навгониҳои илмӣ доранд, инҳоянд:

- таърифи муаллифии соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дода шуда, зарурати дастгирии давлатии он асоснок гардида, нақш ва вазифаҳои давлат дар таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ мушаххас карда шудааст;

- исбот шудааст, ки дар натиҷаи ислоҳоти бахши аграрии иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ сохторҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва корхонаҳои кишоварзӣ ташаккул ёфта, самаранок амал мекунанд. Ба онҳо сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва таркибии иқтисодии худ хос аст, ки ин ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мусоидат мекунад. Муқаррар шудааст, ки дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ҳам аз ҳисоби фурӯши чакана ва ҳам тавассути истеъмоли табиӣ, инчунин дар зиёд намудани ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар баробари сохторҳои соҳибкорӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ) хоҷагиҳои шахсии ёрирасони ахолӣ низ нақши муҳим мебозанд;

- маҷмӯйи омилҳое, ки ба соҳибкории кишоварзӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуда, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии таъсири онҳо ба афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки мавҷудияти робитаи нисбатан устувор ва мустақими байни омилҳои муайяншуда ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолотро тасдиқ мекунад. Ҳисобҳои пешгӯӣ дар асоси модели иқтисодию риёзии ба даст овардашуда суръати баланди афзоиши истеҳсолоти кишоварзиро дар давраи то соли 2030 нишон медиҳанд;

- тамоюли рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуд, ки дар афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ ва соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда, ки дар асоси патенту сертификат амал мекунанд, афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва намудҳои  асосии зироат, маҳсулоти чорво ва муътадил гардонидани истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ ифода меёбанд;

- асосҳои консептуалии дастгирии давлатии рушди соҳибкории кишоварзӣ таҳия шудаанд, ки аз пурзӯр намудани фаъолияти молиявию сармоягузорӣ, такмили низоми андозбандӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолоти кишоварзӣ, додани субсидияҳо ва грантҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва кишоварзӣ иборатанд;

- тавсияҳо оид ба таъмини рушди инноватсионии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт, ҷорӣ намудани намудҳои муосири техника ва технологияи кишоварзӣ, инчунин шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок гардидаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- аниқ кардани таърифи мафҳумҳо вобаста ба соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иктисодиёт ва асоснок кардани зарурати ҳимоя ва дастгирии давлатии он;

- муайян намудани шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ (хоҷагии деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ) дар шароити ислоҳоти бозор дар бахши кишоварзии иқтисодиёт;

- ошкор намудани омилҳое, ки ба соҳибкории кишоварзӣ таъсир мерасонанд ва дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ муқаррар намудани таъсири онҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- муайян намудани тамоюлҳои рушди сохибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёти ҷумҳурӣ;

- муайян намудани асосҳои консептуалии ҳимояи давлатӣ ва дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ;

- асоснокии самтҳои асосии рушди инноватсионӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд мавзуи муҳокимаи олимон ва таҷрибаомӯзони масъалаҳои соҳибкории истеҳсолӣ гарданд, ки дар асл бояд ба таъмини амнияти озуқаворecho кишвар мусоидат кунанд. Аҳамияти амалии тадқиқот, аз ҷумла, дар тавсияҳои муаллиф оид ба рушди муносибатҳои дохилисоҳавӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳибкории кишоварзӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ифода ёфтааст.

Татбиқи таклифу тавсияҳои таҳиякардаи рисола метавонад ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ бо дарназардошти шароити муосири иқтисодӣ, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳо, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол ва баланд бардоштани сифати он мусоидат намояд. Тавсияҳоеро, ки дар диссертатсия зикр ёфтаанд, мақомоти идоракунии комплекси агросаноатии зинаҳои гуногун, инчунин мутахассисон ва роҳбарони корхонаю ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ истифода бурда метавонанд.

Тавсияҳои муаллифро корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ шудасст ва дар Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо барои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҷумҳурӣ барои солҳои 2012-2022 ба инобат гирифта шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯйи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисодиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар назарияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ, аз ҷумла, дар таҳия ва ҳалли масъалаи фаъолияти самараноки шаклҳои хурди соҳибкорӣ, дастгирӣ ва танзими давлатии онҳо ҳиссаи худро гузоштааст. Дар диссертатсия дар асоси муайян намудани омилҳои ба тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таъсиркунанда оид ба такмил додани низоми кишоварзии ҷумҳурӣ тавсияҳои амалӣ тайёр карда шудаанд. Муаллиф дар ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ бевосита иштирок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаи таҳқиқот аз тарафи мутахассисон дар як катор конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмию амалӣ хисобот додааст ва баҳои мусбат гирфитааст.

Тавсияҳои илмӣ, методӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд, аз ҷумла, онҳо аллакай дар раванди таълими Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои «Соҳибкорӣ» ва «Назарияи иқтисодӣ» татбиқ карда мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 20 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 170 саҳифа оварда шудааст ва 37 ҷадвал ва 20 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 183  номгӯй иборат аст.

## ҚИСМАТИ АСОСӢ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якум - «Ҷанбаҳои назариявии рушди сохибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иктисодиёт»** - мафҳум ва моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишоварзӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар таҳқиқот таърифи мафҳумҳо вобаста ба соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иктисодиёт аниқ ва зарурати ҳимоя ва дастгирии давлатии он асоснок карда шудааст. Омӯзиши интиқодии адабиёти иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф нишон медиҳад, ки ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ, махсусан моҳияти категорияҳои алоҳида гуногун буда, аксар вақт бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Дар умум, довталаб бо андешаҳои муаллифони дигар розигии худро баён мекунад, вале дар мавриди мафҳумҳои асосӣ назари худро дорад.

Ба андешаи муаллиф, соҳибкории истеҳсолӣ муҳимтарин самти фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки мақсади он қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти одамон ва сохторҳои иқтисодӣ, ки мақсади истеҳсоли молҳои хушсифати истеъмолӣ аз истифодаи самараноки маводи хом мебошад. Ба андешаи муаллиф, соҳибкории кишоварзӣ як намуди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки таҳлили таърифҳои соҳибкорӣ аз ҷониби муаллифони гуногун имкон медиҳад, ки муҳимтарин хусусиятҳои он муайян карда шаванд:

- соҳибкорӣ як намуди фаъолияти мақсадноки иқтисодӣ буда, дар он субъекти асосӣ соҳибкор мебошад;
- соҳибкорӣ хусусияти инноватсионӣ дошта, ба ташкили субъекти нави соҳибкорӣ, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии нав нигаронида шудааст. Дар баробари ин, фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ бо ин ё он роҳ ба такмили идоракунии истеҳсолот, беҳтар шудани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани усулу технологияи нави ташкили истеҳсолот мусоидат мекунад;
- соҳибкорӣ як шакли фаъолияти ташаббускори инсон буда, мақсади он ба даст овардани фоида дар асоси истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ (маишӣ, сайёҳӣ, нақлиёт, савдо ва миёнаравӣ, бонкӣ ва ғайра) ва иҷрои корҳо мебошад;
- соҳибкорӣ бештар бо чунин хусусиятҳо ба монанди таваккал, ташаббус, ҷасорат ва ғайра пайванд мебошад;
- соҳибкорӣ ба рушди иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳо ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ нигаронида шуда, ба талаботи инсон низ эътибори зиёд дода мешавад.

Муаллиф дар таҳқиқот хусусиятҳои фарққунанда ва тавсифи соҳибкории кишоварзиро муайян кардааст (расми 1).




**Расми 1. Нишонаҳо ва хусусияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ (таҳияи муаллиф)**

Ба андешаи муаллиф, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ бо шароитҳои зерин муайян мешавад:

- якум, соҳибкории истеҳсолӣ истифодаи оқилонаи ҳамаи омилҳои истеҳсолот – захираҳои замин ва об, сармоя, меҳнат, техника ва ғайраро таъмин менамояд;
- дуюм, ҳангоми муттаҳид намудани омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиию хоҷагӣ дар соҳаи кишоварзӣ гузариш ба муносибатҳои нави кишоварзӣ, ҳавасмандии истеҳсоли маҳсулоти тозаи экологӣ таъмин мегардад;
- сеюм, фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот шуғли аҳолии маҳаллиро таъмин месозад ва ба афзоиши фоида дар соҳа мусоидат мекунад, ки дар шароити муосири рушди ҷумҳурӣ бениҳоят муҳим мебошад.

Дар умум, ба андешаи муаллиф, хусусиятҳои соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ бо нуқтаҳои муҳим муайян мегардад (расми 2).




**Расми 2. Хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки мақсадҳои асосии ҳимояи давлатии хоҷагии қишлоқ чунин мебошанд: ноил шудан ба нишондиҳандаҳои устувори рушди соҳа, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун унсури бехатарии умумии иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ; таъмини рушди устувори худудҳои деҳот (расми 3).




**Расми 3. Фаъолияти низоми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ (таҳияи муаллиф)**

Бояд қайд кард, ки хоҷагии деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ алҳол истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ ва шакли соҳибкории истеҳсолӣ буда, самаранокӣ ва устувории худро собит намудааст. Бояд қайд кард, ки шаклҳои ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт метавонанд гуногун бошанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Шаклҳои хоҷагидорӣ, ки бахши бисёрзингаии кишоварзиро ташкил медиҳанд (таҳияи муаллиф)**

| Шаклҳои давлатии хоҷагидорӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | Хоҷагиҳои аҳолӣ |
|---|---|---|
| - корхонаҳои калони кишоварзӣ;<br>- ширкатҳои кишоварзӣ, корхонаҳои хурди кишоварзӣ;<br>- корхонаҳои гуногуни кооперативӣ | - хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);<br>- хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун шакли меҳнат ва истеҳсолот;<br>- шаклҳои меҳнатии оилавӣ ва истеҳсолии деҳотӣ;<br>- ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ | - хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;<br>- хоҷагиҳои оилавӣ;<br>- шаклҳои хоҷагии қишлоқии истифодаи замин;<br>- ширкатҳои истифодабарандагони об, кооперативҳои гуногун ва ғайра |

Муаллиф чунин мешуморад, ки хоҷагии деҳқонӣ метавонад махсусан фаъолияти устувор дошта бошад, агар аз як тараф, хусусиятҳои хоси он ҳифз карда шавад ва аз тарафи дигар, агар он ба шароити воқеии хоҷагидорӣ мутобиқ бошад, албатта ҳангоми ба инобат гирифтани тағйироти куллӣ дар раванди истеҳсолот.

Дар боби дуюм – **“Таҳлили омилҳо ва тамоюли рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Тоҷикистон”**- ислоҳоти иқтисодӣ ҳамчун асоси рушди соҳибкории кишоварзӣ ва омилҳои ба рушди он таъсиррасон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ба вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт баҳо дода шудааст.

Дар таҳқиқот вазъи муосир, тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт таҳлил карда шудааст. Тасдиқ шудааст, ки ба самаранокии фаъолияти бахши кишоварзӣ омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Омилҳои асосӣ ва ҷудонопазир дар бахши кишоварзӣ замин ба ҳисоб меравад.

Аз дараҷаи истифодаи он на танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, балки таъмини амнияти озуқаворииi дилхоҳ мамлакат вобаста мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки фонди замини таъиноти кишоварзӣ дар Тоҷикистон маҳдуд мебошад ва фаъолияти соҳибкорӣ дар замин бисёр мураккаб шуда истодааст, зеро тамоюли устувори рушди шумораи аҳолӣ мушоҳида мегардад (ҷадвали 2).

Тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 01 январи солши 2022 дар сохтори фонди замин, заминҳои таъиноти кишоварзӣ 48,70%-ро ташкил доданд. Дар фарқият аз давраи соли 2016 он ба 79782 га зиёд шудааст. Дар сохтори заминҳои обӣ онҳо 89.3%-ро ташкил медиҳанд, ки мутобиқан ба 83,99 га зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2. Тамоюли тағйирот дар фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Гурӯҳҳои замин | Аз 01.01.2016 | | Аз 01.01. 2021 | | Аз 01.01.2022 | | Фарқият 2016-2022 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдон (га) | % | Майдон (га) | % | Майдон (га) | % | |
| Заминҳои таъиноти кишоварзӣ - ҳамагӣ | 6805050 | 48,13 | 6880281 | 48,67 | 6884832 | 48,70 | 79782 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 677049 | 89,90 | 683901 | 89,81 | 685448 | 89,93 | 8399 |
| заминхои назди минақаҳои аҳолинишин, ҳамагӣ | 169964 | 1,20 | 180280 | 1,28 | 180428 | 1,28 | 10464 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 60956 | 8,09 | 63117 | 8,29 | 62513 | 8,20 | 1557 |
| Заминҳои соҳаи саноат, наклиёт, алоқа, мудофиа ва таиноти дигар, ҳамагӣ | 184351 | 1,30 | 177168 | 1,25 | 177269 | 1,25 | -7082 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 4698 | 0,62 | 4685 | 0,62 | 4685 | 0,61 | -13 |
| Заминҳое, ки барои ҳифзи муҳити зист, табиат, солимгардонӣ ва таърихию фарҳангӣ таъин шудаанд - ҳамагӣ | 2697047 | 19,08 | 2706395 | 19,14 | 2706450 | 19,14 | 9403 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 313 | 0,04 | 321 | 0,04 | 323 | 0,04 | 10 |
| Заминҳои фонди давлатии ҷангал — ҳамагӣ | 1337024 | 9,46 | 1336331 | 9,45 | 1336327 | 9,45 | -697 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 4638 | 0,62 | 4626 | 0,61 | 4628 | 0,61 | -10 |
| Заминҳои фонди давлатии об - ҳамагӣ | 38344 | 0,27 | 38099 | 0,27 | 38099 | 0,27 | -245 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 877 | 0,12 | 897 | 0,12 | 896 | 0,12 | 19 |
| Захираи умумии давлатии замин, ҳамагӣ | 2905905 | 20,55 | 2819353 | 19,94 | 2814502 | 19,91 | -91403 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 4552 | 0,60 | 3974 | 0,52 | 3705 | 0,49 | -847 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 14137685 | 100,0 | 14137907 | 100,0 | 14137907 | 100,0 | 222 |
| аз ҷумла, заминҳои обёрӣ | 753083 | 100,0 | 761523 | 100,0 | 762198 | 100,0 | 9115 |

Бояд қайд кард, ки омили соҳибкории муваффақ дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ потенсиали агросаноатӣ мебошад. Бо назардошти он, ки дар оянда васеъ намудани заминҳои корам барои маҳсулоти кишоварзӣ маҳдуд мебошад, бояд диққати асосӣ ба шиддатфазоии истеҳсолот дар заминҳои корам равона шавад. Вай бояд дар асоси дастоварҳои муосири илм ва тахника амалӣ гардад. Аҳамияти муҳимро ҳамчунин коркарди низоми самараноки истеҳсолот дар минтақаҳои табиию хоҷагии ҷумҳурӣ мебозад.

Аз ҷониби муаллиф таҳлили таъсири омилҳо ба ҳаҷми маҳсулоти аграрӣ дар асоси истифодаи усули модели коррелятсионию регрессионӣ амалӣ шудааст. Ба сифати нишондиҳандаи натиҷавӣ интихоб шуданд:

Y- ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ, ки ба омилҳои зенрин таъсир расониданд: $X_1$ – масоҳати заминҳои корам, ҳазор га; $X_2$ – андозаи миёнаи хоҷагиҳо, ҳазор га; $X_3$ – афзоиши нарх бе маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, %; $X_4$ – ҳаҷми нуриҳои менералӣ ба 1 га.

Дар натиҷаи ҳисобҳои муаллиф модели иқтисодию риёзӣ намуди зеринро ба даст овард:

$$\mathbf{Y = -507379{,}78 + 1042{,}39\, X_1 - 472{,}12\, X_2 + 615{,}31\, X_3 + 45{,}11\, X_4}$$

Дар ин ҳисоб, ки дар асоси истифодаи барномаи стандартии MS Excel иҷро шуд, зариби коррелятсия ба R=0.998 ва зариби детерминатсия - $R^2$=0,964 баробар шуд, ки аз сатҳи баланди робитаи натиҷаи ниҳоӣ бо омилҳои асосии интихобшуда шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳисобҳои пешгӯии ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Ҳисоби пешгӯии ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар асоси модели бисёромилаи коррелятсионию регрессионӣ (ҳисоби муаллиф)**

| **Солҳо** | **Факторы** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ, млн. сомонӣ (У)** | **Майдони заминҳои обӣ, ҳазор гектар ($X_1$)** | **Андозаи миёнаи хоҷагӣ, ҳаз. га ($X_2$)** | **Баланд шудани нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, % ($X_3$)** | **Ҳаҷми нуриҳои маъданӣ ба 1 гектар, ($X_4$)** |
| 2020 (воқеӣ) | 37298,5 | 763 | 684 | 108,8 | 136,9 |
| 2023 (баҳо) | 42269,4 | 768 | 683 | 106,0 | 144,7 |
| 2024 | 44037,3 | 770 | 683 | 105,9 | 146,8 |
| 2025 | 45658,2 | 772 | 684 | 105,8 | 149,0 |
| 2026 | 47378,8 | 774 | 684 | 105,7 | 151,1 |
| 2027 | 49151,2 | 775 | 685 | 105,6 | 153,3 |
| 2028 | 50871,9 | 777 | 685 | 105,5 | 155,4 |
| 2029 | 52540,1 | 779 | 686 | 105,4 | 157,6 |
| 2030 | 54322,2 | 780 | 686 | 105,4 | 159,7 |
| **2030 бо % нисбати 2020** | **145,6** | **102,2** | **100,3** | **96,9** | **116,7** |
| **2030 бо % нисбати 2023** | **128,5** | **101,6** | **100,4** | **99,4** | **110,4** |

Ҳамин тавр, ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки то соли 2030 ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳибкории аграрӣ бояд бо суръати баланд афзоиш ёфта, дар соли соли 2030 ба 54322,2 млн. сомонӣ баробар шавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки ислоҳоти бозорӣ дар соҳаи аграрӣ, таҳкими заминаи моддию техникии бахши кишоварзӣ дар афзоиши ҳиссаи маҳсулоти он дар ҳаҷми ММД-и ҷумҳурӣ ифода ёфт (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Вазни хоси ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (%).**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **2000** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| ММД, % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо фоиз | 36,5 | 41,3 | 21,9 | 20,8 | 20,3 | 19,8 | 20,9 | 22,7 | 24,1 |

**Сарчашма: Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022.- с.217.**

Ҳамчунин аз расми 4 дида мешавад, ки соли 2021 ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ дар бахши кишоварзӣдар ҳаҷми умумии он 22,1%-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 ба 3,1% коҳиш ёфт. Ин тамоюлро манфи шуморидан мумкин нест, зеро дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир аҳамияти аввалиндараҷа ба саноатикунонии иқтисодиёт ва рушди соҳаи сайёҳӣ дода мешавад. Табиист, ки дар ҳаҷми умумии шахсони ҳуқуқӣ вазни хоси ташкилоту корхонаҳои ин соҳаҳо афзоиш меёбад.




**Расми 4. Вазни хоси шасони ҳуқуқии амалкунанда аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ)**

Умуман, истеҳсолот дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз истеҳсолот дар хоҷагиҳои ҷамъияти ба хусусияти муносибатҳои истеҳсолӣ ва ташкили қувваҳои истеҳсолкунанда фарқ мекунад. Ҳамчунин шакли махсуси хоҷагидорӣ вай дорои тарафҳои пурқувват ва заиф мебошад. Дар ҳамкорӣ бо истеҳсолоти ҷамъиятӣ хоҷагии ёрирасони шахсӣ сарчашмаи самараноки ба даст овардани маҳсулоти иловагии кишоварзӣ ва афзоиши даромади миллии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар боби сеюм. **“Самтҳои асосии такмили дастгирии давлатии рушди устувори соҳибкории аграрӣ”** – асосҳои консептуалии дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ асоснок шуда, тадбирҳо оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин соҳа таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки зери мафҳуми ислоҳоти аграрӣ рушди босуръати қувваҳои истеҳсолкунанда ва такмили муносибатҳои истеҳсолӣ фаҳмида мешавад. Зимнан диққати асосӣ бояд, маҳз ба такмили муносибатҳои истеҳсолӣ ҷалб карда шавад, зеро дар акси ҳол истифодаи ҳама гуна захираҳо самараи интизорӣ намедиҳад.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкории аграрӣ нақши танзими давлатӣ боз ҳам боло мешавад (расми 5).




**Расми 5. Тарҳи танзими соҳибкории аграрӣ**

Тарҳи овардашуда, ба андешаи муаллиф, нишон медиҳад, ки соҳибкории агарағӣ, аз як тараф, аз ҷониби давлат ва аз тарафи дигар, бо механизми бозорӣ, яъне тақозо, арза ва рақобат танзим меёбад. Зимнан, давлат ҷораҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзими соҳибкориро дар хоҷагии қишлоқ истифода мебарад.

Ба андешаи мо, имрӯзҳо мо бо консепсияҳои ба рушд таъсиррасон кор мекунем, вале консепсияи раванди рушд зарур аст. Ҳангоми асоснокгардонии он бояд хусусиятҳои раванди бевоситаи рушд ба инобат гирифта мешавад.

Ҳамчунин, танҳо ба инобат гирифтани раванди рушди ҳамаи истеҳсолоти кишварзӣ дар алоҳидагӣ аз дигар унсурҳои иқтисодӣ кифоя нест. Иттиҳодияҳо, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд биниши консептуалии масъалаи худинкишофро дошта бошанд.

Дар таҳқиқот қайд шудааст, ки самтҳои асосии рушди соҳибкории инноватсинӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ чунин буда метавонанд:

- саноатикунонии равандҳои истеҳсолӣ дар асоси механиконӣ, электронӣ, химиконӣ ва обёркунӣ дар хоҷагии қишлоқ;
- татбиқи навъҳои сармаҳсули растаниҳо ва зоти ҳайвонот;
- махсусигардонӣ, кооператсия, ҳамгироии агросаноати дар ҳампайвандӣ бо рушди технологияи истеҳсолот, ташкили идоракунӣ ва такмили сохтори истеҳсолот;
- таъмини афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот;
- такмили ихтисоси мутахассисони бахши кишоварӣ;
- беҳтар намудани сифати маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ.

Ба андешаи муаллиф, дар марҳалаи муосири рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи зиёд ба низоми оқилани ташкил ва идоракунии он гузошта мешавад: таъмини пешрафти илмию техникӣ; такмили сохтори дохилӣ ва байнисоҳавӣ; такмили шаклҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайра

Амалӣ намудани ин талбаот дар умум ба афзоиши боздеҳии фондҳо, ҳосилнокии меҳнат ва баланд бардоштани самаранокии хароҷот ва соҳибкории истеҳсолӣ дар умум таъсир мерасонад.

Ба андешаи муаллиф шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) шакли самараноки ҷалби сармоя ба иқтисодиёт мебошад. Давалт ҳамчун шарики асосии низоми ШДХ ташкилотчӣ ва танзимгару фармоишгари ҳамкории ивеститсионӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки рушди ШДХ дар соҳаи соҳибкории аграрӣ самараи экологӣ низ дорад, ки дар афзоиши сатҳи ҳосилнокии замин ифода меёбад. Ин бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад, ки заминҳои корам хеле маҳдуд мебошанд,

Ҳамин тавр дар соҳаи соҳибкории аграрӣ ШДХ нақши муҳим дорад, дар ҳалли навсозии истеҳсолоти кишоварзӣ. Сухан оид ба беҳтар намудани навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ, такмили технологияи истеҳсолоти кишоварзӣ меравад.

Дар баробари ин Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор тадбирҳои хусусияти тарифию гумрукиро кабул кард, ки ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ - мурғпарварӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ ва ғайра мусоидат кард. Дар рушди ин соҳаҳо низ ШДХ нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тавр, ҳамаи ин боиси афзудани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, таъмини амнияти озуқаворӣ мегардад ва бо ҳамин ба баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳот мусоидат мекунад.

## ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Дар ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодиёт ва таъмини некӯаҳволии аҳолӣ соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад. Яке аз намудҳои асосии соҳибкории истеҳсолӣ соҳибкории кишоварзӣ мебошад. Дар таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи тафсирҳои мавҷудаи мафҳуми соҳибкорӣ хусусиятҳои асосии падидаи баррасишаванда муайян карда шудаанд: соҳибкорӣ як намуди фаъолияти мақсадноки меҳнатии иқтисодии шахс мебошад, ки он характери навоварона дорад, ки бо такмили низоми идоракунии истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани усулу технологияи нави ташкили истеҳсолот иборат аст; мақсади ба даст овардани фоидаро дар асоси истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо пеш мегирад ва бо чунин хусусият, ба монанди таваккал, ташаббус, ҷасорат, сармоягузорӣ, навоварӣ, заковат ва ғайра алоқаманд аст [2-М; 11-М].

2. Соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои фарққунанда дорад. Мухимтарини онҳо замин ва об ба ҳисоб мераванд, ки воситаи асосии истеҳсолот мебошанд. Соҳибкории кишоварзӣ инчунин бо ҷузъҳои ба мафҳуми «потенсиали биологӣ» дохилшуда, яъне бо шароити табиию иқлимӣ, радиатсияи офтоб, ҳарорати миёнаи солона ва ғайра алоқаманд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи заминҳои барои соҳибкории кишоварзӣ мувофиқ, махсусан заминҳои обёришаванда маҳдуд аст. Ба ин муносибат дар ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин зарурати оқилона ва самаранок истифода бурдани онҳо мебошад. Соҳибкории кишоварзӣ бояд истифодаи оқилонаи тамоми омилҳои истеҳсолот – захираҳои замину об, инчунин сармоя, меҳнат, технология ва ғайраро таъмин намояд. Омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ-иқтисодиро муттаҳид намуда, ба гузаштан ба иқтисодиёти нави аграрӣ мусоидат кунад. Соҳибкории кишоварзӣ пеш аз ҳама баро бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот ва пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ нигаронида шудааст [6-М; 13-М].

3. Рушди соҳибкории агаррӣ боислоҳоти муносибатҳои истеҳсолӣ дар хоҷагии қишлоқ зич алоқаманд аст. Дар солҳои гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ҳамаи хоҷагиҳо (колхозҳо ва совхозҳо, муассисаҳои байнихоҷагӣ) ба сохтори бозории намуди нав табдил ёфтанд. Дар натиҷаи ислоҳоти бахши аграрии иқтисодиёт сохторҳои нави ташкилию ҳуқуқӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ) ташаккул ёфта, имрӯз дар он самаранок амал мекунанд, ки сохтори муосири иҷтимоию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиро тавсиф менамоянд. Сохтори бахши аграрии иктисодиёти ҷумҳурӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлокро таъмин менамояд. Аз рӯёйи намудҳои моликият ва характери

истифодабарӣ ба шаклҳои сохибкорӣ дар дехот сохторҳои хусусӣ, коллективӣ, корпоративӣ, давлатӣ ва пудратӣ дохил мешаванд. Дар рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ қадами калон гузошта шуд, ки онҳо дар баробари сохторҳои соҳибкорӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ) дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ҳам аз ҳисоби фурӯши чакана ва ҳам аз ҳисоби истеъмоли табиӣ, инчунин дар соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим доранд [4-М; 7-М; 16-М].

4. Рушди соҳибкории кишоварзӣ дар деҳот аз бисёр омилҳо вобаста аст: табиию иқлимӣ, сармоягузорӣ, инфрасохторӣ, инноватсионӣ, ташкилӣ ва ғайра. Мутаносибан, дар танзим ва дастгирии давлатӣ ба дигар намудҳои соҳибкорӣ ниёз дорад. Натиҷаи фаъолияти пурсамари корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бештар ба ҳамин вобаста аст. Марҳилаи кунунии рушди соҳибкории хурду миёна бинобар номукаммалии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии давлатӣ, сарбории андоз, дастрас набудани қарзҳои бонкӣ барои соҳибкорони истеҳсолӣ, касри буҷети маҳаллӣ мураккаб ва зиддиятнок мебошад. Машварати умумии иқтисодӣ ва махсус барои соҳибкорон дастнорас боқӣ мемонад; талабот ба маҳсулоти соҳибкории хурду миёна ғайриқаноатбахш аст, ба рушди он мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ ва набудани инфрасохтори самараноки истеҳсолӣ барои соҳибкории хурду миёна дар деҳот таъсири манфӣ мерасонад. Дар барномаи давлатӣ чунин омилҳо ба назар гирифта нашудааст: номутаносибии рушди минтақавӣ; афзалиятҳои соҳавӣ; ҳавасмандгардонии сохтори соҳибкорӣ барои иштирок дар барномаҳои дастгирии давлатӣ. Ҳамаи гуфтаҳои боло зарурати таъсиси механизми таркибии дастгирии (танзими) давлатии рушди соҳибкорӣ дар бахши кишоварзии иқтисодро ба миён меорад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи ҳозира бо мақсади таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар деҳот системаи дастгирии давлатиро таҳия кардан зарур аст, ки он дар навбати аввал на танҳо рушди механизми бозор, балки танзими давлатии онҳоро дар соҳаҳои гуногун таъмин намояд. Имрӯз таҳияи механизми дастгирии давлатии соҳибкории кишоварзӣ дар асоси усули барномавӣ-мақсаднок, яъне муносибати дифференсиалӣ бо дарназардошти муҳити институтсионалии соҳибкорӣ, вазъи субъектҳои он, дараҷаи инкишофи корхонахои хурду миёна ба мадди аввал мебарояд. Ҳамчунин таҳияи маҷмӯи меъёрҳои арзёбӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳоро ба рушди устувори субъекти соҳибкорӣ инъикос мекунанд, муҳим аст [3-М; 16-М; 12-М].

5. Дар шароити бозор соҳибкорони дорои ҳам даромади паст ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват барои фаъолият доштан бояд бо дигар истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ рақобат карда, самараи истеҳсолотро мунтазам баланд бардоранд. Барои ин моҳияти кооперативии шаклҳои нави хоҷагидориро аз нав барқарор кардан, бо роҳи ислоҳоти муносибатҳои истеҳсолию иқтисодии дохилихоҷагӣ, ки имкон медихад кишоварзон ба нигоҳ доштан, зиёд кардани он манфиатдор шаванд, бегонашавии моликият ва натиҷаҳои меҳнатро бартараф кардан лозим аст. Дар натиҷа даромаднокии истеҳсолот меафзояд, даромади соф (фоида) - манбаи ягонаи даромади соҳибкор дар шароити муносибатҳои бозорӣ меафзояд [3-М; 8-М]. Бе

маблаггузориҳои асосӣ ба инфрасохтори иҷтимоию истеҳсолии деҳот, бидуни истифодаи таҳизоти боэътимоди сермаҳсул ва баланд бардоштани шиддатнокии меҳнат, бе саноати пуриқтидори коркард, бе таҳқиқоти ҷиддии илмӣ оид ба ин масъалаҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии мехнат ва самаранокии он дар комплекси агросаноатӣ имконнопазир аст. Ба мо азнавсозии сохтори соҳаҳои хоҷагии халқ, аз нав тақсим кардани маблаггузорӣ ба истеҳсоли озуқаворӣ ва молҳои истеъмолӣ зарур аст [7-М; 19-М].

6. Дар рисола омилҳои асосии ба рушди соҳибкории кишоварзӣ таъсиррасон баррасӣ шудааст. Дар байни ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва чунин омилҳо, ба монанди масоҳати умумии заминҳои обӣ, ҳаҷми миёнаи хоҷагиҳо, баланд шудани нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳаҷми ба ҳар гектар истифода намудани нуриҳои маъданӣ алоқаи регрессивӣ-коррелятсионӣ муқаррар карда шуд. Ҳисобҳо нишон дод, ки дар давраи то соли 2030 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ бо суръати баланд афзоиш хоҳад ёфт. Кайд карда мешавад, ки шароити табиию иклимии ҷумҳурӣ ба вазъ ва рушди соҳибкории кишоварзӣ таъсири калон мерасонад. Дар диссертатсия як қатор шароитҳое дида мешаванд, ки ба вуҷуд овардани онҳо барои дар як сол ба даст овардани якчанд ҳосил, баланд бардоштани ҳосили зироатҳо ва сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ зарур аст. Таҳлили тамоюлҳои соҳибкории кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла соҳибкорони хусусӣ дар иқтисодиёти кишвар мавқеи пешқадамиро ишғол менамоянд. Дар ҷумҳурӣ истеҳсоли сабзавот, мева, буттамева, боғу ток, ангур, ғалла ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ босуръат меафзояд ва ин иқтидори содиротии мамлакатро хеле таҳким мебахшад [1-М; 5-М; 11-М].

### *Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот*

1. Дар марҳалаи муосири иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо мақсади таъмин намудани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар деҳот низоми дастгирии давлатиро инкишоф додан зарур аст, ки он дар навбати аввал на танҳо инкишофи механизми бозор, балки инчунин танзими давлатии соҳибкориро дар соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатиро низ дар назар гирад. Таҳияи механизми дастгирии давлатии соҳибкории кишоварзӣ дар асоси усули барномавӣ-мақсаднок, яъне муносибати дифференсиалӣ бо дарназардошти муҳити институтсионалии соҳибкорӣ, вазъи субъектҳои он, дараҷаи инкишофи корхонаҳои хурду миёна ба мадди аввал мебарояд. Ҳамчунин таҳияи маҷмӯи меъёрҳои арзёбӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳоро ба рушди устувори субъекти соҳибкорӣ инъикос мекунанд, муҳим аст [3-М; 16-М; 12-М].

2. Мувофиқи ҳисобҳои муаллиф барои пурра конеъ гардондани талаботи мамлакат ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бояд 1,5-1,7 баробар зиёд карда шавад. Дар баробари ин вазъи демографӣ, ки дар афзоиши якбораи суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат аз ҳисоби афзоиши таваллуд ифода меёбад, тақозо мекунад, ки қувваи кориро аз хоҷагии қишлоқ боз ҳам пурзӯртар озод

намуда, онро ба дигар соҳаҳои истеҳсолот ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ равон кардан зарур аст. Дар солҳои наздик шумораи шахсоне, ки дар хоҷагии қишлоқ кор мекунанд, ду баробар кам кардан ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин ҳосилнокии меҳнатро дар хоҷагии қишлоқ 3-4 баробар зиёд карда, суръати афзоиши онро соле ба 7-9 фоиз расондан зарур аст. Ба ин ноил шудан осон нест. Аммо ҳалли ин мушкилот як навъ калиди бисёр масоили муҳимтарини тараққиёти минбаъдаи мамлакат: баланд шудани дараҷаи некуаҳволии моддии аҳолӣ, рушди соҳаи хизмати маишӣ, беҳтар намудани кори соҳавӣ, сохтори истеҳсолоти моддӣ, беҳтар намудани тавозуни савдои берунӣ, мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакат хизмат мекунад. Аҳамияти бузурги болоравии хоҷагии қишлоқ барои тараққиёти тамоми ҷамъият, инчунин ба ҷидду ҷаҳди кормандони бахши кишоварзӣ вобаста будани онро ба назар гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин раванд диққати махсус медиҳад [2-М; 5-М; 10-М].

3. Таҳқиқоти иҷтимоӣ, ҷамъбаст намудани таҷрибаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар коллективҳои меҳнатии деҳот боварӣ мебахшад, ки минбаъд ҳам муносибати дифференсиалиро ба кори соҳибкорӣ пурзӯр кардан зарур аст. Гап дар он аст, ки гурӯҳҳои синнусолӣ ва касбӣ аз рӯи қобилиятҳои маърифатӣ, ки аз рӯйи сатҳи маълумот, фаъолият ва таҷрибаи иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, фарқ мекунанд. Соҳибкорони гурӯҳҳои синну соли калонсол, ки аксаран таҳсилоти банақшагирифта доранд, бояд пайваста аз рӯйдодҳои бозор хабардор бошанд, мантиқ ва алоқамандии онҳоро ошкор созанд, зеро онҳо бештар ба дарёфти маводи воқеӣ тамаркуз карда, ба инъикоси назариявии динамикаи иқтисодиёт ниёз доранд. Механизаторони тамоми синну сол дар давраи корҳои саҳроии баҳорию тобистонӣ имконият надоранд, ки аз тамоми воситаҳои ахбори омма мунтазам истифода баранд, бинобар ин онҳо дар бораи шаклҳои бозории хочагидорӣ ба гузаронидани лексияю суҳбатҳо ниёз доранд [8-М; 16-М].

4. Ба ҷойи корҳое, ки имрӯз ба амал бароварда мешаванду онро аксарияти аҳолӣ эътироф накардааст, ба идоракунии бевоситаи равандҳои истеҳсолот гузаштан лозим аст, то ки онҳо ба дараҷаи баландтари сифат гузаранд ва дар айни замон қобилияташон баланд шавад. Маҳсули кори мутахассис бояд на он қадар натиҷаи ниҳоӣ, балки раванди мукаммалтари истеҳсолот, организми солимтари истеҳсолӣ бошад, ки на танҳо ба афзоиш, балки ба инкишоф равона гардад. Мутаассифона, дар мамлакати мо чунин мутахассисону роҳбаронро тайёр намекунад. Дар беҳтарин ҳолат, мутахассиси мо медонад, ки ин чӣ гуна бояд бошад, аммо намедонад, ки чӣ тавр ба он ноил шавад. Корҳои дипломии хатмкунандагони донишгоҳҳои бахши кишоварзӣ аз муқоисаи ҳақиқӣ ва дилхоҳ иборат буда, аксар вақт ҳамчун таклифҳо оид ба такмил додани истеҳсолот баромад мекунанд. Зимнан, истеҳсолоти кишоварзӣ ба таҳлилгарон, як навъ табиби истеҳсолот ниёз дорад. Аз ин бармеояд, ки низоми тайёр кардани мутахассисонро дар донишгоҳҳо такмил додан зарур аст [7-М; 19-М].

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ба тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда хеле кам диққат дода мешавад. Онҳоро бештар ба соҳаи

тиҷорат тайёр мекунанд, аммо на барои соҳаи истеҳсолӣ. Чунин муносибати яктарафа ба рушди иқтисодиёт мусоидат намекунад.

5. Таҳқиқот нишон дод, ки самтҳои асосии соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ инҳо мебошанд: а) саноатикунонии истеҳсолот дар асоси механиконии комплексӣ, элекроникунонӣ, химиконӣ ва обёрикунӣ; б) ҷорӣ намудани навъҳои нави сермаҳсули зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва зоти ҳайвонот; в) махсусгардонӣ, кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ, ки бо такмили технология, ташкил, идоракунӣ ва сохтори истеҳсолот алоқаманданд; г) беҳтар намудани сифати маҳсулот ва зиёд кардани самараи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ; д) такмили ихтисос ва дараҷаи маданию техникии кормандони соҳаи кишоварзӣ; е) беҳтар намудани шароити меҳнат ва маданияти коргарон ва ғайра.

Дар марҳалаи ҳозираи рушди хоҷагии қишлоқ ба ташкили самарабахш ва идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ҳамаҷониба инкишоф додани пешрафти илму техника, такмил додани таносуби байнисоҳавӣ ва дохили соҳа, такмил додани шаклҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, ба таври бояду шояд талаботи баланд гузоштан лозим аст. Ин чорабиниҳо ба афзоиши ҳосилнокии мехнат ва умуман зиёд шудани самараи истеҳсолоти саноатӣ таъсири мусбат мерасонанд.

6. Барои таъмини суръати баланди рушди соҳибкории кишоварзӣ имкониятҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ истифода бурда шаванд. Ҳамкориҳои бахши давлативу хусусӣ яке аз муҳимтарин воситаҳо ва тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории кишоварзӣ мебошад. Сармоягузории бахши хусусӣ ба инфрасохтори истеҳсолии кишоварзӣ, нигоҳдорӣ ва логистикии маҳсулот; таҳкими ҳамкорӣ бо ташкилотҳои донорӣ; барпо намудани низоми устувору самарабахши хизматрасонии машваратӣ ба хоҷагиҳои деҳқонию дигар корхонаҳо вазъро на танҳо дар бахши аграрӣ, балки дар тамоми иқтисодиёти Тоҷикистон хеле бехтар мекунад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (бо забони асл):

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Шакли кластерии ташкилии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини амнияти озуқаворӣ / М. М. Бойназарова., Ҷ. С. Пиризода // Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон ва Ҷаҳони имрӯз. Душанбе-2022. 1(40) – С. 55 – 66.

[2-М]. Дехканское (фермерское) хозяйство из форм сельского предпринимательства / М.М. Бойназарова // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2020. №1– С. 100-110.

[3-М]. Совершенствование организационно - экономических форм предприятий аграрного сектора с учетом индустриального развития / М.М.

Бойназаровой // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2019. №1- С. 105-112

[4-М]. Кооперация малых форм хозяйств в сельских территориях / М.М. Бойназаровой // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе – 2018. № 2/9 – С. 59-64.

[5-М]. Аграрные преобразования - основа развития сельского предпринимательства / М.М. Бойназарова // Вестник Таджикского национального Университета. Душанбе - 2018. №1 - С. 59-64.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия:**

[6-М]. Землепользование - как фактор развития производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Роҳҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ» / Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2022. – С. 46-51.

[7-М]. Формирование рыночных отношений и необходимость государственной поддержки производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Бозоромӯзӣ ҳамчун омили рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ». Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 132-138.

[8-М]. Зарубежный опыт государственной поддержки производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // «Бозоромӯзӣ ҳамчун омили рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ» / Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ. Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 23-29.

[9-М]. Научно-теоретические аспекты функционирования предпринимательства / М.М. Бойназарова // “Рушди устувор - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ” / Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ. Душанбе «Ирфон» 2020. – С. 56-63.

[10-М]. Особенности развития производственного предпринимательства в аграрном секторе / М.М. Бойназарова // “Рушди устувор - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ” / Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ. Душанбе «Ирфон» 2020. – С. 112-119.

[11-М]. Новое сельское хозяйство – основа формирования частного предпринимателя на селе / М.М. Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе – 2019. №2 (37) – С. 123-128

[12-М]. Место и роль инновационных технологий в развитии предпринимательства / М.М. Бойназарова, Г.К. Азизкулова // Материалы ҷумҳуриӣнской научно-практической конференции (28. 04. 2018). Технологический университет Таджикистана, – Душанбе, 2018. – С. 28-30.

[13-М]. Государственное регулирования развитием производственного предпринимательства / М.М. Бойназарова., Д.Б. Ходжаева., Н.Х. Ходжаева., С.Р. Саидов // «Арзёбии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводҳои илмую амалии минтақавӣ (12.01.2018, АИКТ №5». Инистути Иқтисодиёти Кишоварзӣ. Душанбе – 2018. – С. 324-331

[14-М]. Теория формирования мелкотоварного крестьянского хозяйства как форма малого предпринимательства на селе в трудах Чаянова А.В. / М.М. Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе - 2017. №4 (31) – С. 95-101.

[15-М]. Развития малого аграрного предпринимательства – важный фактор обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / М.М. Бойназарова // Вестник Технологический университет Таджикистана. Душанбе - 2017. №1 (28) – С. 65-69.

[16-М]. Государственное регулирования в условиях рыночной экономики / М.М. Бойназарова, Б.К. Ҳасанов., А.И. Лашкаров., Ҷиллазода Меҳрангез // Таҳлили ҳолати бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ / Маводҳои мизи мудаввар 12.01.2017с, - №5» АИКТ. Инистути Иқтисодиёти Кишоварзӣ. – С. 289-296.

[17-М]. Критерии определения субъектов малого предпринимательства / М.М. Бойназарова // «Молодых ученых в развитии инновационной Республики» / Материалы ҷумҳурӣнский научной - практической конференции (28.29.2017г). Технологический университет Таджикистана, - Душанбе, 2017. – С. 91-97.

[18-М]. Перспективы развития финансового кредитной поддержки сельского предпринимательства в Республики Таджикистан / М.М. Бойназарова, С.Б. Ризоев., М.М. Вадудова // «Роль мелиорации водного хозяйства в инновационные развития АПК» / Материалы международной научно - практической конференции. Москва 2013. – С. 110-118.

[19-М]. Пути повышения и контроль эффективности предпринимательской деятельности / М.М. Бойназарова // Материалы совместной научно-практической конференции института экономики и демографии академии наук республики Таджикистан и Таджикского финансового института. Душанбе: «Ирфон», 2012. – С. 66- 76.

[20-М]. Государственная поддержка инновационной деятельности малого бизнеса в аграрном секторе Таджикистана / М.М. Бойназарова // «Модель подготовки специалистов новой формации, адаптированных к инновационному развитию отраслей» / Материалы 3-ей международной научной- практической конференции. Душанбе: ТУТ, 2012. – С. 127-130.

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Бойназарова Моҳира Маҳмарачабовна дар мавзӯйи «Мукамалгардонии низоми дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – иқтисодиёт ва идоракунӣ аз рӯйи соҳаҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиётӣ соҳибкорӣ).

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкории аграрӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкор, рушд, фаъолияти соҳибкорӣ, нақши иҷтимоию иқтисодии соҳибкории аграрӣ, танзими соҳибкории аграрӣ, дастгирии давлатӣ, танзими давлатӣ, омилҳо, такмил, пешгӯӣ, ҳавасмандкунӣ, чораҳо, шарикии давлатӣ ва хусусӣ, ислоҳоти аграрӣ.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи муқаррароти назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт иборат аст.

Объекти тадқиқот сохторҳои соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ ҳамчун қисми таркибии иқтисодиети Ҷумҳурии Тоҷикистон. Предмети тадқиқот муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар раванди танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ташаккул меёбанд.

Дар диссертатсия асосҳои илмӣ-назариявии соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷониби муаллиф таҳқиқ шуда, нигоҳи шахсии муаллиф оид ба таърифи ин категорияи иқтисодӣ муқаррар гардидааст; моҳият ва зарурати дастгирии давлатии соҳибкориро дар бахши аграрии иқтисодиет асоснок гардидааст; шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст; таҳлили раванди гузаронидани ислоҳоти бозорӣ ҳамчун асосҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиет омӯхта шудааст; омилҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ таҳлил шудааст; асосҳои консептуалии дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ва асоснок кардани тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи шарикии давлативу хусусӣ такмил дода шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаи мавзӯйи диссертатсия метавонанд ба инкишофи асосҳои назариявии соҳибкории аграрӣ ва инчунин ба таъмини амнияти озуқаворни кишвар мусоидат кунанд. Аҳамияти амалии тадқиқот, дар тавсияҳои муаллиф оид ба рушди муносибатҳои дохилисоҳавӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳибкории аграрӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ифода ёфтааст.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти аграрӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши соҳибкории кишоварзӣ истифода шаванд.

# АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Бойназаровой Мохиры Махмараджабовны на тему: «Совершенствование системы государственной поддержки развития производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики (на материалах Республики Таджикистан)» на соискание учёной степени кандидата экономических наук, по специальности 08.00.06 - экономика и управление по сферам деятельности: (08.00.06.06–экономика предпринимательства).

**Ключевые слова:** аграрное предпринимательства, производственного предпринимательства, предприниматель, развитие, предпринимательская деятельность, социально-экономическая роль аграрного предпринимательства, регулирования аграрного предпринимательства, государственная поддержка, государственное регулирование, факторы, совершенствование, прогноз, стимулирование, меры, государственно-частное партнерство, аграрной реформе.

Цель диссертационного исследования заключается в разработке теоретико-методических положений и практических рекомендаций по совершенствованию системы государственной поддержки производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики.

Объект исследования - предпринимательские структуры в аграрном секторе как составной части экономики Республики Таджикистан. Предмет исследования - экономические отношения, формирующиеся в процессе государственного регулирования развития производственного предпринимательство в аграрном секторе экономики.

В диссертации исследованы научно-теоретические основы производственного предпринимательства и обосновать необходимость его государственной поддержки в аграрном секторе экономики; организационно-правовые формы функционирования производственного предпринимательства в сельском хозяйстве; анализировать процесс проведения рыночных реформ как основы развития производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики; факторы и тенденции развития производственного предпринимательства в аграрном секторе; концептуальные основы совершенствования государственной поддержки развития производственного предпринимательства в аграрном секторе и обосновать практические рекомендации по развитию производственного предпринимательства с учетом активизации инновационной деятельности и использования государственно-частного партнерства.

Теоретическая и практическая значимость исследования заключается в том, что полученные результаты могут стать предметом обсуждения учеными и практиками проблем производственного предпринимательства, которое по сути должно способствовать обеспечению продовольственной безопасности страны. Практическая значимость исследования выражается, в частности, в рекомендациях автора по развитию внутриотраслевых отношений, повышению эффективности аграрного предпринимательства и конкурентоспособности отечественной сельскохозяйственной продукции.

Основные выводы и рекомендации, изложенные в диссертации, могут быть использованы в учебном процессе по подготовке специалистов в аграрном сфере и предпринимательства, а также в курсах повышения квалификации руководителей и специалистов сельского хозяйства.

## ANNOTATION

on the abstract of the dissertation of Boynazarova Mokhira Makhmarajabovna on the topic: "Improvement of the system of state support for the development of industrial entrepreneurship in the agricultural sector of the economy (based on the materials of the Republic of Tajikistan)" for the degree of Candidate of Economic Sciences, specialty 08.00.06 - economics and management by fields of activity: (08.00.06.06–economics of entrepreneurship).

**Key words:** agricultural entrepreneurship, industrial entrepreneurship, entrepreneur, development, entrepreneurial activity, socio-economic role of agricultural entrepreneurship, regulation of agricultural entrepreneurship, state support, state regulation, factors, active, liquidated, improvement, forecast, stimulation, measures, public-private partnership, agrarian reform.

The purpose of the dissertation research is to develop theoretical and methodological provisions and practical recommendations for improving the system of state support for industrial entrepreneurship in the agricultural sector of the economy.

The object of the study is business structures in the agricultural sector as an integral part of the economy of the Republic of Tajikistan. The subject of the study is economic relations formed in the process of state regulation of the development of industrial entrepreneurship in the agricultural sector of the economy.

The thesis examines the scientific and theoretical foundations of industrial entrepreneurship and substantiates the need for its state support in the agricultural sector of the economy; organizational and legal forms of functioning of industrial entrepreneurship in agriculture; analyze the process of market reforms as the basis for the development of industrial entrepreneurship in the agricultural sector of the economy; factors and trends in the development of industrial entrepreneurship in the agricultural sector; conceptual foundations for improving state support for the development of industrial entrepreneurship in the agricultural sector and substantiate practical recommendations for the development of industrial entrepreneurship, taking into account the activation of innovation and the use of public-private partnership.

The theoretical and practical significance of the study lies in the fact that the results obtained can be the subject of discussion by scientists and practitioners of the problems of industrial entrepreneurship, which in fact should contribute to ensuring the food security of the country. The practical significance of the study is expressed, in particular, in the author's recommendations on the development of intra-industry relations, improving the efficiency of agricultural entrepreneurship and the competitiveness of domestic agricultural products.

The main conclusions and recommendations set out in the dissertation can be used in the educational process for training specialists in the agricultural sector and entrepreneurship, as well as in advanced training courses for managers and specialists in agriculture.